# ХУЛОСАИ

## ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № ____

Хулосаи шӯрои диссертатсионӣ аз 5.03.2020 сол, суратҷаласаи №37

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ –

Раззоқова Гулбаҳор Ҳаётовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар мавзӯи: «Самаранокии иқтисодии лизинги молиявӣ дар кишоварзии Тоҷикистон» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 - Молия, гардиши пул ва қарз аз 03 сентябри 2019, суратмаҷлиси № 11 аз тарафи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки бо фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05. 2019 сол, № 96, таъсис ёфтааст, барои ҳимоя қабул шуд.

Раззоқова Гулбаҳор Ҳаётовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 марти соли 1977 дар шаҳри Қурғонтеппа (ҳозира Бохтар)-и вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1994 ба Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ба факултети молиявию иқтисодӣ, ихтисоси Молия ва қарз дохил шуда, соли 1999 хатм намудааст. Аз соли 2011 ба ҳайси ассистенти кафедраи умумитехникӣ, аз соли 2013 ба ҳайси муаллимаи калони кафедраи риёзӣ - иқтисодӣ Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон фаъолият дорад.

**Роҳбари илмӣ: Ашуров Ихтиёр Саидович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи “Молия ва қарз”- и Донишгоҳи Славянии Россия - Тоҷикистон;

**Муқарризони расмӣ: Обидов Фозил Саидович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Бобоев Шариф Қаноатшоевич** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Декани факултети иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ дар тақризи мусбии худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ мудири шуъбаи шуъбаи омӯзиши бозорҳои кишоварзии Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ Шоазизова М.Д. ба имзо расидааст, қайд кардааст, ки диссертатсияи илмии Раззоқова Г.Ҳ. дар мавзӯи «Самаранокии иқтисодии лизинги молиявӣ дар кишоварзии Тоҷикистон» аз рӯи навгонии таҳқиқот тибқи шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи самти ихтисоси 08.00.10 - Молия, муомилоти пул ва қарз иҷро гардида, ба бандҳои 1.9.Таъминоти молиявии такрористеҳсолии васеъ; 1.10. Мувозинати молиявии истифодабарии самараноки ҳамаи намудҳои иқтидорҳои иқтисодӣ; 2.14. Маблағгузории раванди сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; 2.30. Самаранокии низоми хизматрасонии иҷтимоӣ; 3.2. Паҳлуҳои ташкили иқтисодии молияи корхонаҳо ва ташкилотҳо; 3.11. Тадқиқи омилҳои доҳилӣ ва берунӣ, таъсири онҳо ба мустаҳкамии молиявии корхонаҳо ва иттиҳодияҳо; 3.20 Сарчашмаҳои молиякунонии субъектҳои хоҷагидорӣ, муаммоҳои муносибкунонии сохтори сармоя; 3.21. Механизми молиявии такрористеҳсоли васеъ, гардиш ва гирдгардиши сармоя; 3.25. Молияи равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, воситаҳои молиявии сармоягузорӣ мувофиқат менамояд.

Унвонҷӯ 28 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 8,3 ҷ.ч. чоп намудааст, ки ҳамаашон доир ба мавзӯи диссертатсия мебошанд, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

**Интишор дар нашрияҳо, ки ба рӯйхати маҷаллаҳо ва нашрияҳои пешбари илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудааст:**

[1-М]. **Раззокова Г.Х.** Особенности развития лизинга в аграрном секторе экономики РТ // Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал. – №2/3(201), 2016. – С. 91-95.(0,5п/л)

[2-М]. **Раззоқова Г.Ҳ.**, Ашуров И.С. Самароникии иқтисодии лизинги молиявӣ дар кишоварзӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – №1/4(57). Қ. 2. – Бохтар, 2018. – С. 185-197 (0,8ҷ/ч) бо ҳаммуаллифӣ, бо муаллиф-0,4ҷ.ч).

[3-М]. **Раззоқова Г.Ҳ.**, Ашуров И.С. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии бозори хизматрасонии лизингӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои

гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – №1/4(57). Қ. 2. – Бохтар, 2018. – С. 197-201 (бо ҳаммуаллифӣ, бо муаллиф-).

[4-М]. **Раззоқова Г.Ҳ.**, Ашуров И.С. Рушди лизинги молиявӣ асоси мустаҳкам намудани заминаи моддӣ-техникӣ. Паёми донишгоҳи давлати давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.Силсилаи илмҳои гуманитарии ва иқтисоди. – №1/4(68). – Бохтар, 2019. – С. 231-235. (бо ҳаммуаллифӣ, бо муаллиф-).

[5-М]. **Раззоқова Г.Ҳ.**, Ашуров И.С. Таҳавулоти лизинги молиявӣ дар хориҷа. «Вестник Таджикского национального университета». Научный журнал. – №10. Ч. 2. – Душанбе 2019. – С. 125-130. (бо ҳаммуаллифӣ, бо муаллиф-).

[6-М]. **Раззоқова Г.Ҳ.**, Вазъи таъмини техника дар кишоварзии Тоҷикистон ва роҳҳои афзоиши. Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета». – №1. – Душанбе, 2020. – С. 111-116.

Ба унвонии автореферати диссертатсия тақризҳо аз инҳо ворид гардиданд:

1. **Рауфӣ Абдуғаффор.**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии ДТТ бо чунин эрод:

1). Дар қатори дастовардҳо дар автореферати диссертатсия агар муаллиф самараҳои гирифтаи якчанд хоҷагиҳои деҳқониро аз истифодаи лизинги молиявӣ бо мисолҳои конкретии иқтисодӣ дар шакли муқоиса нишон медод, он гоҳ мазмуни кор боз ҳам хеле бой мегардид.

**2.Абдураҳимов А., доценти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити МТД ДДХ ба номи Б.Ғафуров** бо чунин эродҳо:

1). Хуб мебуд самаранокии лизинги молиявиро дар мисоли хоҷагии алоҳида ҳисоб карда, бартарии онро нисбат ба қарзи бонкӣ баҳо дода мешуд.

2). Ташкили хизматрасонии техникӣ дар шароити кунунии майдамолӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ яке аз роҳҳои беҳтар намудани сохторҳои лизингӣ шуда метавонист, ки дар диссертатсия ҷои худро наёфтааст.

**3.Рузиев А., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Данғара,** бо чунин эродҳо:

1). Сабабҳои рушди ноустувори бозори лизинг нишон дода нашудааст.

2) Хуб мешуд агар муаллиф роҳҳои ҷалби ташкилотҳои хурди молиявиро ба таъмини лизингии воситаҳои асосии хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ нишон медод.

**4. Шамсуллозода Ш., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идораи давлатии Донишкадаи идораи давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо: 1)**

1) Дар саҳифаи 4-уми автореферат муаллиф ҳадафҳои гуногунҷабҳаи рисоларо қайд кардааст,аммо беҳтар мебуд бо роҳи мушаххас ва амиқ зикр менамуд. Дар ин ҷо мафҳум бояд барои коркарди назарияи лизингӣ молиявӣ ва мукаммалгардонии механизми он шарҳ дода шавад.

2) Дар саҳифаи 12- уми автореферат дар ҷадвали 2 таҳлил оварда шуда таткиқотчӣ қайд нашудааст, ки микдори қарордоҳои лизингӣ тамоюли афзоиш дошта, дар соли 2018 микдори онҳо ба 6 адад расидааст, ки нисбат ба соли 2014 – ум 4 адад ё 3 баробар зиёд гаштааст. Аз нуқтаи назарӣ илмӣ, тамоюлҳо ба пуррагӣ таҳлил карда нашудааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти иҷронамуда аз ҷониби унвонҷӯ:**

**- асоснок карда шудааст, ки** “лизинги молиявӣ - чун категорияи иқтисодӣ, як намуди фаъолияти инвеститсионӣ буда, дар худ муносибати байни субъектҳои иқтисодӣ, ки тибқи шартнома предмети лизингро ба иҷораи дарозмуҳлат бо пардохти маблағи муайян, дар муҳлати муайян бо шартҳои муайян таҷассум мекунад»;

– **муайян карда шудааст**, ки унсурҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди лизинги молиявӣ боиси, самаранокии лизинги молиявӣ нисбат ба дигар усулҳои сармоягузорӣ мегардад;

– **пешниҳод карда шудааст, ки** истифодаи таҷриба ва дастовардҳои мамлакатҳои тараққикардаи бозори лизинги молиявӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон боиси баланд гаштани самаранокии истифодаи он мегардад;

– **исбот карда шудааст, ки** вазъи кунунии заминаҳои моддӣ-техникии соҳаи кишоварзӣ, паст будани захираҳои молиявии корхонаҳои кишоварзӣ, баланд будани арзиши қарзҳои бонкӣ, зарурати рушди бозори лизинги молиявиро тақозо намуда, он ҳамчун маблағгузории самаранок нисбат ба қарз мебошад;

– **асоснок карда шудааст, ки** ташкили фондҳои дуюмдараҷа ва венчурии минтақавӣ барои таъмини истифодабарии бисёркаратаи техника ва рушди лизинги молиявӣ дар шароити кунунӣ зарурати ташкилӣ-истеҳсолист;

– **пешниҳод карда шудааст**, ки истифодаи модели иқтисодӣ-риёзии самтҳои асосии рушди бозори хизматҳои лизингии минтақаи Хатлон бо назардошти хароҷотҳои пасттарини ширкатҳои лизингӣ, тавассути

оқилона бастани шартномаҳо ва ба низом даровардани фаъолияти шарикон дар ин бозор ба самаранокии фаъолияти хоҷагиҳо таъсири мусбӣ мерасонад;

– пешниҳод шудааст, ки истифодаи лизинги молиявӣ ҳамчун механизми ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ нисбат ба дигар сарчашмаҳо самаранок буда, дар мустаҳкам намудани заминаи моддӣ-техникӣ мавқеъи муҳим бозида, бо роҳи танзими давлатии лизинги молиявӣ имконияти рушд дорад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо назардошти он:

-асоснок карда шудааст, ки: лизинги молиявӣ, чун механизми ҷалби сармоя, дар худ муносибати байни субъектҳои иқтисодӣ, ки тибқи шартнома предмети лизингро ба иҷораи дарозмуҳлат бо пардохти маблағи муайян, дар муҳлати муайян бо шартҳои муайян таҷассум карда, рушди онро дар шароити ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ бо назардошти хусусиятҳои фарққунандаи иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асос гирифта шавад;

- вобаста ба масъалаҳои таҳқиқшаванда таҳқиқот усулҳои зерин: усулҳои монографӣ, таҳлилӣ, мантиқӣ, абстрактӣ, иқтисодӣ, оморӣ, ҳисобию конструктивӣ, моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ ва ғ. истифода шудаанд, ки онҳо самаранокӣ ва асоснокии таҳқиқот, эътимоднокии хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашударо тасдиқ менамоянд;

- таҳлили вазъи кунунии муқаррароти назариявӣ, методӣ, хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия овардашударо ба такмили лизинги молиявӣ, ҳамчун механизми дастгирии молиявии рушди иқтисоди-иҷтимоии минтақа, тавсияҳои таҳқиқот барои коркарди назариявӣ ва ҳуқуқию методологии лизинги молиявӣ, таҳияи чорабиниҳои давлатӣ ва минтақавӣ оид ба такмили механизми дастгирии молиявии рушди босуботи иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Хатлон дар солҳои амалисозии Стратегияи милли рушд истифода бурдан мумкин аст.

- Моҳияти натиҷаҳои ба дастомадаи таҳқиқотҳои унвонҷӯ барои амалия тасдиқ карда мешавад аз он сабаб, ки:

- нуқтаҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкур тавсияҳо оид ба натиҷаҳои таҳқиқотҳои методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун базаи маълумотҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳои методологӣ-назариявии ҷалби

сармояи дохилӣ ва хориҷӣ кӯмак расонад. Дар амалия, хусусан, дар низоми идоракунии Вазорати кишоварзӣ ва раёсаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ минтақаҳо, мақомотҳои дахлдори ҳокимияти давлатии минтақаҳо дар кори амалии банақшагирии барномаҳои миёна ва дарозмуҳлат истифода баранд.

**- муайян карда шудааст, ки лизинги молиявӣ** имконият медиҳад, ки ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ба соҳаи кишоварзӣ мақсаднок ва самаранок истифода шуда, низоми махсуси самаранок истифода бурдани захираҳо мукаммал карда шавад, ки боиси рушди иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолӣ мегардад.

**Арзёбии дуруст будани натиҷаҳои таҳқиқот муайян карда шуд, ки:**

**- идеяҳои асосӣ ба таҳлил:** Барои асосноксозии илмӣ-амалии хулосаву пешниҳодҳо дар кор маводҳои расмии аз ҷониби сохторҳои салоҳиятноки давлатии ҷумҳурӣ таҳия гардида, факту рақамҳои оморӣ, маълумотҳои ҳисоботӣ ва фаврии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, КВДҶ “Тоҷикагролизинг” дар солҳои охир, инчунин мушоҳидаҳои шахсии муаллиф дар ин ҷараёни амалнамоии механизми истифодаи лизинги молиявии хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон истифода гардидаанд.

**- истифодаи** ғояи асосии рисола ба назарияҳои илмӣ, фарзияҳои пешгӯинамуда ва асоснокгардида оид ба масъалаҳои лизинги молиявӣ, ки дар асарҳои олимони классик, олимони иқтисоддони муосири ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқ гардидаанд мувофиқ аст.

**Саҳмии шахсии унвонҷӯй иборат аст, аз:**

**иштироки бевоситаи муаллиф дар ҷамъ овардани иттилоот, коркард ва аз -** ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори илмӣ бевоситаи аз тарафи муаллиф гузаронида шудааст, аз ҷумла: интихоби мавзӯъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои таҳқиқот;

– муаллиф дар такмилдиҳии лизинги молиявӣ ва нақши он дар рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон назарияҳои илмӣ, фарзияҳои пешгӯинамуда ва асоснокгардида дар асарҳои олимони классик, олимони иқтисоддони ҳозиразамони ватанию хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами кишварҳои тараққикарда ва механизми дар амал татбиқ намудани онҳоро дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ таҳқиқ карда, саҳми худро гузошта, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ омода ва нашр намудааст.

- **натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф татбиқ карда шудааст** (санади татбиқ аз ҷониби КВДҶ“Тоҷикагролизинг” аз 02 феврали соли 2020, № 133 замима гардиддаст.

- **ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ ва воқеӣ** дар самти асосҳои назариявӣ, баҳои вазъи кунунӣ, такмили лизинги молиявӣ ва истифодаи самараноки он;

- таҳияи 28 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 8,3 ҷ.ч, ки аз он 6 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА ба нашр расидаанд; гузориши натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои сатҳи гуногун муаррифӣ гардидаанд.

- **гузориши натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои сатҳи гуногун.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Раззоқова Гулбаҳор Ҳайётовна аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – Молия, муомилоти пул ва қарз 05.03. 2020 қарор қабул намуд.

Дар рафти овоздиҳии пинҳонии шӯрои диссертатсионӣ аз 21 нафар аъзои шӯро 19 нафар, аз ҷумла 7 нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз 19 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирок дошта овоз доданд: тарафдор 19, зид - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саидмуродова М.А.**